# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи, ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Таркиби луғавии забон чун дигар омилҳои ҷамъиятӣ ҳамеша дар ҳолати рушду такомул қарор дорад. Яъне, вобаста ба ҳодисаи ҷамъиятӣ таркиби луғавии забон низ такмилу тағйир меёбад ва дар айни замон инъикоскунандаи тамоми ҳаводиси ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

Калимаҳо ба ҳайси воҳиди асосии луғавӣ барои ифодаи маъно дар забон нақши муҳим дошта, вобаста ба услуб ва мавридҳои нутқ доира ва дараҷаҳои гуногуни истеъмолӣ дорад. Вожаҳо бо тамоми тобишҳои маъноӣ, лексикию семантикӣ ва робитаҳои грамматикии худ дар забони осори бадеӣ нақши боризе дошта, меҳвари асосии он ба шумор меравани. Аз ин лиҳоз, таҳлилу омӯзиши вожаҳо, ки як гурӯҳи фаъоли онҳоро воҳидҳои луғавии иқтибосоти арабӣ ташкил медиҳанд, барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарию амалӣ муҳим мебошад.

Пажуҳиши воҳидҳои луғавии иқтибосоти арабӣ, ки онҳо дар забоншиносии тоҷик аз дораи таҳқиқи мукаммали сохтори калимасозӣ дур мондаанд, яке аз масъалаҳои мубраму арзишманд ба шумор меравани. Маҳз ин қабати муҳимми таркиби луғавии забон унвонҷӯро водор намудааст, ки вижагиҳои сохтории воҳидҳои луғавии иқтибосоти арабиро дар заминаи маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (ҷилдҳои 3 ва 4) ҳамчун рисолаи илмии номзадӣ мавриди пажуҳиш қарор диҳад. Навгонии илмии таҳқиқ аз он иборат аст, ки гарчанде доир ба иқтибосоти арабӣ пажуҳишҳо ба анҷом расида бошад ҳам, аммо вижагиҳои сохтории воҳидҳои луғавии иқтибосоти забони арабӣ дар шакли як рисолаи мукаммали илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст.

**Диссертатсияи мавриди** назар аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб (шомили 7 фасл бо зерфаслҳо), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** доир ба мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологӣ, сарчашмаҳо, навгонӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳо, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия, ки **«Нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар сохтани ҳиссаҳои номии нутқ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** номгузорӣ шудааст, унвонҷӯ дар се фасли дохили он доир ба масоили

матолиби муқаддимотӣ, таҳқиқи роҳи морфологии калимасозӣ бо асосҳои арабӣ ва нақши калимаҳои арабӣ дар такмили роҳи синтаксисӣ-морфологии калимасозӣ мулоҳизаронӣ намуда, роҷеъ ба корбурди калимаҳои иқтибосии арабӣ ва пасвандҳои исмсоз дар «Ёддоштҳо» ва хусусиятҳои калимасозии исмҳои мураккаби пайваст ва тобеъ, маълумоти муфассал додааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Нақши калимаҳои арабӣ дар сохтани феълҳо ва мақоми он дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** унвон дошта, аз чор фасл иборат аст.

Дар фасли якуми ин боб, ки **«Матолиби муқаддимотӣ»** номгузорӣ шудааст, дар хусуси феъл ҳамчун қисматҳои муҳим ва асосии ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти морфологии калимаҳо мулоҳизаронӣ шудааст.

Фасли дуюм **«Нақши калимаҳои арабӣ дар ташаккули феълҳои сохтаи номӣ»** ном дошта, ба таҳлилу баррасӣ ва муҳим будани ҷойгоҳи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар созмони феълҳои сохтаи номӣ ва гурӯҳҳои он, аз қабили феълҳои сохта ё номӣ ва феълҳои таркибӣ бахшида шудааст.

Фасли сеюми боби дуюм **«Баррасии масоили назариявии феълҳои таркибӣ»** ном дорад. Дар ин фасл қайд мегардад, ки мураккаб шудани калимаҳо тавассути илова шудани вандҳои калимасоз ва ё ба ҳам омадани вожаҳо феълҳо низ ба сода, сохта ва феълҳои таркибӣ ҷудо мшаванд ва вобаста ба сохти феълҳо маъноҳои лозимаи луғавӣ, грамматикӣ ва тобишҳои услубии онҳо ифода меёбанд.

Фасли чорум **«Нақши иқтибосоти арабӣ дар ташаккули феълҳои таркибии номӣ»** ном дошта, диссертант ба маврид таъкид мекунад, ки бо такя ба сермаҳсулии калимасозии феълҳои таркибии номӣ саъй кардем, ки аз ҷилдҳои 3-4-и «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ маҳз ҳамон феълҳои таркибии номиеро мавриди баррасӣ қарор диҳем, ки ҷузъи номиашон калимаҳои иқтибосии арабӣ бошанд. Аз ин рӯ, бархе феълҳои ёридиҳандаи дар феълсозӣ роиҷ бо калимаҳои иқтибосӣ истифода нашудаанд. Ба ҳар сурат дар ин ҷо барои таъйиди сухани худ маҳз қолибҳоеро овардаем, ки бо феълҳои ёридиҳандаи *кардан, намудан, шудан, ёфтан, гардидан, омадан, мондан* ва ғайра сохта шудаанд. Ба гурӯҳи мазкур феълҳои *омадан, мондан, ёфтан, хӯрдан, гирифтан, кашидан* ва ғайра шомил мешаванд. Ин фасл таҳлилу таснифи маводи фаровони гирдовардаи унвонҷӯро вобаста ба феълҳои таркибии номӣ ба таври васеъ хеле амиқу ҷолиб фаро гирифтааст.

Пажуҳиши муфассали диссертатсия ба муаллифи диссертатсия имкон додааст, ки мавқеъ ва ҷойгоҳи воҳидҳои луғавии забони арабро дар сохтори калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ) нишон дода, барои пажуҳиши минбаъдаи ин қабати луғавӣ тавсияҳо диҳад. Диссертатсия, дар маҷмуъ, ба пажуҳандагон бардошт ва таассуроти хуби илмӣ мебахшад. Ба муаллиф ҳалли масъалаҳое, ки ҳамчун мақсад ва ҳадафи диссертатсия қарор гирифтаанд, пурра муяссар гардидааст. Дар диссертатсия бори

нахуст дар забоншиносӣ нақши воҳидҳои луғавии иқтибосоти забони арабӣ дар сохтори калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ) мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар баробари чунин муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла:

1. Бо вуҷуди забони автореферат равону илмӣ будан, баъзан ҷумлаҳои аз ҷиҳати услуб ноҳамвор дар саҳифаҳои 7, 10 ба назар мерасад.
2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои хусусияти имлоӣ ва китобатӣ дида мешавад (8, 11, 16).

Камбудию норасоиҳои ҷойдошта ислоҳшаванда буда, моҳияти илмии диссертатсияро коста намекунанд.

Аз ин рӯ, автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)»-ро инъикос намуда, диссертатсия таҳқиқоти мукаммали баанҷомрасида ҳисобида шуда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
факултети забонҳои Донишкадаи
омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт — Саидова Сайёра Гадоҳмадовна

Имзои С.Г. Саидоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт — Шодизода Наҷибулло

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: ш. Ғарм, к. Муҳиддин 63.

08.06.2024